## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Шарифзода Лутфулло Абдулло дар мавзуи “Арзишҳои илмӣ ва адабии номаҳои Садриддин Айнӣ ва Мирзо Турсунзода” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ**

Адабиётшиноси тозаандеши муосири тоҷик Абдухолиқ Набавӣ дар яке аз мақолаҳои пурарзиши худ мусаммо ба “Мушкилаҳои навназарӣ ба эҷодиёти устод Айнӣ”, баъд аз муайян намудани мавзуъҳои нав дар таҳқиқи зиндагинома ва фаъолияти эҷодии устод Айнӣ, дуруст қайд намудаанд, ки “дар навбаҳоӣ ва тозанигоҳиҳо андеша ва ақидаҳои зиддинақиз низ баён шудаанд ва зиёда аз он, дар рӯзгор ва осори устод бисёр масъала ва саҳифаҳое ҳастанд, ки то ба ҳол норӯшан мебошанд”. Аз унвони диссертатсияи Шарифзода Лутфулло Абдулло, номи бобҳо ва муҳтавои онҳо бармеояд, ки ҳанӯз мавзуъҳои ҷадид ва масъалаҳои ноҳаллу нобаён дар эҷодиёти устод Садриддин Айнӣ ниҳоят зиёданд. Лозим ба ёдоварист, ки номаву номанигорӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ мавзуи нав набуда, ҷиҳати назариявии он аз ҷониби муҳаққиқони тоҷик омӯхтаву баррасӣ шудааст. Махсусан асарҳои илмии донишмандони тоҷик Мисбоҳиддини Нарзиқул “Таърих ва назарияи номанигорӣ” ва Алии Муҳаммадии Хуросонӣ ва Ҷӯрабеки Назрӣ “Ҳунари номанигорӣ дар “Шоҳнома” шоёни тақдиранд. Аз ин рӯ, таҳқиқи арзишҳои илмиву адабии номаҳои устод Айнӣ ва Мирзо Турсунзода муҳим арзёбӣ мегардад. Муаллифи диссертатсия ҳам дуруст қайд мекунад, ки “ба таҳқиқ фаро гирифтани мукотибаи С. Айнӣ ва М. Турсунзода ҷойгоҳи онҳоро дар адабиёти муосири тоҷик муайян менамояд ва ин диссертатсия дар тавзеҳи мавзуъҳои баҳсталабу норавшани илми адабиётшиносӣ, хусусан масъалаҳои ба номаҳо рабтдошта кори илмӣ-таҳқиқотии муҳим аст” (Автореферат, саҳ. 3) .

Диссертатсия аз муқаддима ва чаҳор боб иборат буда, бобҳо ба зерфаслҳо гурӯҳбандӣ шудастанд.

**Муқаддимаи** кор аз ҷиҳати сохтор пурра ба меъёру талаботҳои диссертатсиянависӣ ҷавобгӯ буда, мавзуъву дараҷаи таҳқиқи он, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, тозагии илмиву аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқ ва мавзуоти мавриди дифоъ баён ёфтаанд.

Боби аввали диссертатсия ба унвони **“Робитаи дӯстӣ ва эҷодии устод Айнӣ ва М.Турсунзода”** аз панҷ фасл иборат буда, дар онҳо масъалаҳои кашфи истеъдоди адабии М.Турсунзода ва тарбияи маънавии ӯ аз ҷониби С.Айнӣ дар робита ба муҳимтарин масъалаҳои солҳои 30-юму 40-уми асри XX, баҳси рӯзгор ва осори С.Айнӣ дар мукотибот бо М.Турсунзода, мулоҳизаҳои С.Айнӣ оид ба равиши кори эҷодӣ ва осори адабӣ, устод Айнӣ дар шинохти М.Турсунзода, мулоҳизаҳои М.Турсунзода роҷеъ ба осори адабиву илмии С.Айнӣ таҳлилу баррасӣ гаштаанд.

Боби дуюми диссертатсия **“Бозтоби масъалаҳои адабиётшиносӣ дар номаҳои С.Айнӣ ва М.Турсунзода”** унвон шудааст. Дар ҳафт зербоби он масъалаҳои зерин мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд: афкору андешаҳои устод Айнӣ доир ба тасвири ҳақиқати ҳаёт ва таъсири эътирозоти мафкуравӣ, аҳаммияти ҷузъиёти бадеӣ дар тасвири реалистии воқеияти зиндагӣ, ақидаҳои С.Айнӣ оид ба зарурати омӯзиши адибони маорифпарвар ва равшангари тоҷик, масъалаҳои омӯзиши таърихи адабиёти тоҷик, муҳаққиқ ва мубаллиғи осори С.Айнӣ будани М.Турсунзода, масъалаи таърихи эҷод ва нашри мукотиботи Айнӣ ва Турсунзода, масъалаи омӯзиши мероси адабӣ ва таъин кардани ҳуқуқи халқи тоҷик ба мероси адабии гузашта.

Дар боби сеюми диссертатсия – **“Мулоҳизаҳои илмию адабии С.Айнӣ оид ба арзиши таърихӣ ва адабию фарҳангии “Ёддоштҳо” дар мактубҳо ба М.Турсунзода”** муаллиф он мактубҳои М.Турсунзодаро мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор медиҳад, ки дар онҳо арзиши таърихиву адабӣ ва фарҳангии мондагортарин асари устод Айнӣ – “Ёддоштҳо” дар муқоиса бо андешаҳои худи муаллиф баррасӣ гаштаанд. Дар чаҳор фасли ин боб мавзуъҳое чун тадқиқи масъалаҳои таърихи адабиёти тоҷик, сабабҳои таълифи “Ёддоштҳо”, арзишҳои таърихиву адабии он, бо диди нав таҳлили образҳои “Ёддоштҳо”, таъсири эътирозҳои мафкуравии замон ва муносибати устод Айнӣ ба онҳо, баррасии мулоҳизаҳои М.Турсунзода роҷеъ ба “Ёддоштҳо” ҳаллу фасл ёфтаанд.

Охирон боби диссертатсия **«Андешаҳои Садриддин Айнӣ доир ба арӯзи тоҷикӣ дар мукотиботаш»** номгузорӣ шуда, он аз чаҳор фасл иборат мебошад. Ба муаллиф муяссар гаштааст, ки пайдоиш ва таҳаввули арӯзи тоҷикиро дар марҳалаи аввали адабиёти шуравии тоҷик дар ин боб ҳамаҷониба таҳлил намояд.

Ҷобаҷогузории бобҳову зерфаслҳо ва пайдарпайии андешаҳои илмиву таҳлилии муаллифи диссертатсия таърихчаи ташаккули илми номанигорӣ дар як давраи муайян дар мисоли таҳлили номаҳои ду шахсияти бузурги илму адаби тоҷик – устод С.Айнӣ ва М.Турсунзодаро барои хонанда баён месозанд.

Ба хотири боз ҳам тақвият ёфтани корҳои минбаъдаи муаллиф чанд нуктаро ба унвони пешниҳод таъкид менамоем, ки ба ҳеч ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро паст намекунанд:

1. Дар заминаи нома ва номанигорӣ донишмандони хориҷӣ, монанди Акишина А.А., Кустова О.Ю., Нижикова Л.В., Сиркина А.В., Бухаркин П.Е., Степанов Н., Гроссман Л.Р. ва дигарон таҳқиқотҳои ҷолиб таълиф намудаанд. Хуб мешуд, агар муаллиф дар қисмати назариявии автореферати диссертатсия аз андешаҳои онҳо марбут ба мавзуи таҳқиқ истифода мебурд.
2. Маълум аст, ки устод Айнӣ ба намояндагони илму адаби замони худ номаҳои зиёде навишта, ҷавобҳои бешуморе низ гирифтааст. Агар муаллифи диссертатсия дар қисмати алоҳидаи кори илмиаш таърихи таълифи он

мукотибаҳоро таҳлил карда, тафовути мазмун ва мундариҷаи номаҳои Садриддин Айнӣ ва Мирзо Турсунзодаро аз дигарҳо муайян мекард, арзиши диссертатсия боз ҳам баландтар мешуд.

Хулласи калом, бо қаноатмандӣ метавон изҳор намуд, ки таҳаввули жанри номанигорӣ дар адабиёти муосири тоҷик ҳанӯз объекти омӯзиши адабиётшиносии тоҷик қарор нагардидааст. Муаллиф ба ҳадафи асосии таҳқиқот, ки иборат аз омӯзиши ҳамаҷонибаи номаҳои устодони адаб – С.Айнӣ ва М.Турсунзода дар адабиёти тоҷик ва таҳқиқи таърихи таҳаввули жанри номанигорӣ будааст, муваффақ гаштааст.

Диссертатсияи Шарифзода Лутфулло Абдулло дар мавзуи “Арзишҳои илмӣ ва адабии номаҳои Садриддин Айнӣ ва Мирзо Турсунзода” таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мебошад.

**Директори Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б.Искандарови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илми филология** **Қаландариён Ҳоким Сафар**

**01.09.2022**

**Нишонӣ:**
**736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ВМКБ,**
**ш.Хоруғ, кӯчаи У.Холдоров 4.**
**Почтаи электронӣ: hokim_k@mail.ru**
**Телефон: (+992) 93 489 26 26**

**Имзои Қаландариён Ҳ.С.-ро тасдиқ мекунам.**
**Сардори шуъбаи кадрҳои Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б.Искандарови АМИТ** **Шосафоева П.**